**Қ а р о р и**

шӯрои диссертатсионии **6D.КОА–014** дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш.Шоҳтемур аз рӯйи Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ

17 апрели соли 2021 ш.Душанбе

Шунида ва муҳокима намудани кори диссертатсионии Шарипов Иломжон Орифович дар мавзӯи «Самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити бозор (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ), роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р., муассисаи тақриздиҳанда - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, баромад ва тақризи муқарризони расмӣ: Бобоҷонов Д.Д. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор ва Комилов Н.Б. - номзади илмҳои иқтисодӣ, илова бар ин, муқарризони ғайрирасмӣ: Мадаминов А.А. – доктори илмҳои иқтисодӣ, Қудратов Р.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ ва Насиров Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи шӯрои диссертатсионӣ оид ба кори диссертатсионии Шарипов Иломжон Орифович дар мавзӯи «Самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити бозор (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)» бо дарназардошти мубрамияти мавзӯъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия, шӯрои диссертатсионӣ **қарор мекунад:**

1. Кори диссертатсионии Шарипов Иломжон Орифович дар мавзӯи «Самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити бозор (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)» ба талаботҳое, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) пешниҳод гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферат ва корҳои чопшуда мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Шарипов Иломжон Орифович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори мазкури шӯрои диссертатсиониро тасдиқ намояд.

И.в. раиси шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ Набиев Т.Т.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Исломов Ғ.Ҳ.